**ТАҚРИЗ**
**ба автореферати диссертатсияи Нуров Суҳроб Рустамович дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. – Душанбе, 2026**

Соҳибистиқлолӣ барои миллати шарафманди тоҷик ба хусус донишмандони он шароит фароҳам овард, то дар бештари соҳаҳои таҳқиқотӣ фаъолият бурда, сарнавишти худро бо дастони худ муайян намоем. Махсусан таҳқиқи таъриху фарҳанги халқи тоҷик, омӯзиши ҳаёт, фаъолият ва осори илмии нобиғаҳо ва донишмандон ва ғайра васила аст баҳри баланд бардоштани худшиносии миллӣ ва таҳкими пояи истиқлолият. Беҳуда Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд накардааст: «Имрӯз мардуми кишвар ба худшиносӣ ва барқарор кардани хотираи таърихии хеш беш аз пеш ниёз доранд. Мо бояд аз таърихи гузашта сабақ бигирем ва барои ваҳдати комили миллӣ корҳои бузургеро ба анҷом бирасонем».

Аз ин рӯ, мубраммияти кори таҳқиқотии мазкур дар он ифода меёбад, ки он ба яке аз мавзуъҳои актуалии таърихнигории муосири тоҷик - «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев», бахшида шудааст. Муаллиф аввалин шуда иқдом гирифтааст, ки таҳқиқоти маҷмӯиро дар ин самт бо муваффақият анҷом диҳад. Албата ин дар қисмати навовариҳои кори таҳқиқотӣ низ ба таври мушаххас баён гардидааст.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ боз дар он зоҳир гардидааст, ки натиҷаҳои таҳқиқот барои рушду инкишоф ва такомули соҳаи илму маориф мусоидат намуда, таҷрибаи ба дастомада метавонад, рушди соҳаҳои номбурдаро ҳарчӣ зудтар тақвият бахшад.

Бояд зикр намуд, ки автореферати рисолаи илмӣ дорои натиҷаҳо ва аҳаммияти муайяни илмӣ мебошад. Дар кори таҳқиқотӣ хулосаҳо ва пешниҳодҳои зиёде ба назар мерасанд, ки аз огоҳии касбии муаллиф ва маҳорати истифодаи методҳои маъмули илмӣ-муқоисавӣ ва таърихӣ дарак медиҳад.

Дар автореферат мақсад ва вазифаҳо, методҳои таҳқиқ, объект ва предмети омӯзиш, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқшаванда, давраҳои таърихии омӯзиш, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, муқаррароте, ки барои дифоъ пешниҳод мегарданд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд. Инчунин

мухтавои асосии кори таҳқиқотӣ давра ба давра ба таври муфассал ва иттилоотӣ баён гардидааст, ки моҳияти мавзуи таҳқиқшавандаро куллан ифода карда метавонад.

Автореферати рисолаи илмӣ, ба забони возеҳи илмӣ навишта шуда, аз ҷиҳати имлоӣ ва услубӣ ба талаботи корҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

Метавон ба боварии комил зикр намуд, ки муаллиф мубрам будани мавзуи таҳқиқотӣ, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқотро аз нуктаи назари илмӣ асоснок намояд, асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро, ки шахсияти О.Б. Боқиев ва осори ӯ бо паймонаҳои мухталиф дар онҳо инъикос ёфтаанд, баррасӣ намояд, асоси методологии таҳқиқотро муайян карда, сарчашмаҳои вобаста ба мавзуи таҳқиқотиро аз худ намуда, онро воқеъбинона тавсиф намояд.

Дар сарсухан мубрам будани мавзуъ аоснок шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсад, вазифаҳо, навгониҳои илмӣ, заминаи сарчашмашиносии кор, доираи хронологӣ ва ҷуғрофӣ, предмет ва объект, асосҳои методологии таҳқикот, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқ, тасвиб ва амалишавии натиҷаҳои диссертатсия муайян гардидаанд.

**“Инъикоси вазъи сиёсӣ ва сохтори маъмурии минтақаҳои муосири Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XIX ва оғози асри XX дар таҳқиқоти О.Б. Боқиев”** унвони боби дувуми диссертатсия маҳсуб ёфта, он маҷмуан аз ду зербоб таркиб ёфтааст. Теъдоди зиёди номгӯи мақолаву асарҳо ва муаллифони онҳо баёнгари он аст, ки муалллифи рисола бо ҳар кадоми онҳо шинос ва мушикофона таҳлил карда, вобаста ба мазмун, фарогирӣ ва мавқеъгиии муаллифон онҳоро таҳлил ва тасниф намудааст, ки боиси таҳсин аст. Дар боби фавқузикр масъалаҳои профессор О.Б. Боқиев – муҳаққиқ ва таърихнигори варзида ва инчунин вазъи сиёсӣ ва сохтори ҳудудию маъмурии манотиқи муосири Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар осори профессор О.Б. Боқиев мавриди омӯзиш ва пажуҳиши васеъи илмӣ қарор гирифтаааст.

Боби дувуми диссертатсия **“Таҳқиқи масоили мубрами ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осорӣ О.Б. Боқиев”** унвон дошта, ба инъикоси масоили мубрами ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар таҳқиқоти О.Б. Боқиев бахшида шудааст. Мавриди зикр аст, ки тайи замони истиқлолият теъдоди зиёди мақолаҳо ва ёддоштномаҳо доир ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёт, фаъолият ва осори илмии профессор О.Б. Боқиев руйи кор омадаанд, вале ба андешаи муаллиф дар онҳо андешаҳои созанда ва осори илмии О. Б. Боқиев нокифоя инъикос ёфтааст. Ҳамзамон муаллиф кушиш кардааст, ки бо истифода аз имконот ва зарфияти

назариявиву илмии хеш костагиву камбудиҳои чанд муаллифонро ошкор намояд. Зимнан бояд гуфт, ки дар ин - ҷода то андозае ба ҳадаф расидааст, вале муҳокимарониҳои муаллиф пайдарҳам ва муназзам ва вобаста ба масоили афзалиятнок сурат нагирифта интихобан руйи коғаз омадаанд. Дар маҷмуъ муҳтавои боби мазкурро инъикоси вазъи хоҷагии деҳоти ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори О.Б. Боқиев ва омқзиши вазъи саноат, ҳунармандӣ ва муносибатҳои тиҷоратии манотиқи Тоҷикистон дар бар мегирад.

Боби сеюми диссертатсия **“Бозтоби масъалаи забти ҳудудҳои Тоҷикистони шимолӣ ва Помир аз тарафи Русияи подшоҳӣ дар таҳқиқоти профессор О.Б. Боқиев”** ном дошта, аз ду зербоб таркиб ёфтааст. Дар боби мазкур масъалаҳои мубрам ва омӯзанда аз қабили бозтоби раванди забти ҳудудҳои Тоҷикистони шимолӣ аз тарафи Русияи подшоҳӣ дар таҳқиқоти профессор О.Б. Боқиев ва йнчунин инъикоси масъалаи ҳамроҳшавӣ ва забти ҳудудҳои Помир аз тарафи Русияи подшоҳӣ дар таҳқиқоти профессор О.Б. Боқиев мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода шудааст.

Муҳтавои асосии рисола дар хулоса оварда шуда, аз ҷониби муаллиф тавсияҳои судманд ҷиҳати омӯзиши минбаъдаи осори илмии О.Б. Боқиев пешниход гардидаанд.

Ҳамин тариқ, дар кори илмӣ-таҳқиқотӣ дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот ва навовариҳои таҳқиқот ба таври возеҳ ва мушаххас инъикос ёфтааст, ки чунин муносибат дараҷаи илмияти рисоларо афзун мегардонад.

Дастоварди беназири таҳқиқот аз он иборат аст, ки омӯзиши масъалаи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев», дар илми таърихнигории ватанӣ иқдоми нав ва саривақтӣ ба шумор меравад. Ба боварии комил метавон гуфт, ки муҳаққиқ ба таври воқеӣ ба мақсади пешгузоштаи худ ноил гардидааст.

Боиси зикр мебошад, ки дар қисмати “Муҳтавои асосии таҳқиқот” муҳаққиқ ба таҳлил ва таҳққиқи бевосита машғул гардида, бо далелҳои муътамади илмӣ онро баён намудааст. Муҳаққиқи ҷавон ҳангоми баррасии масъала аз методҳои гуногуни илмӣ истифода намудааст, ки дар он методҳои муқоисавии таърихӣ, равиши системавӣ, таҳлили сохториву корбурдӣ ва методҳои таҷзия ва таҳлили донишҳои эмпирикӣ мақоми арзанда доранд.

Инчунин нақшаи кори таҳқиқотӣ мантиқан ва мазмунан мутобиқ ба талаботи илмӣ таҳия шуда, ҳар боби он ба масъалаҳои махсус бахшида шуда, ҷавобгӯи мақсади гузошташуда мебошанд. Ғайр аз ин хулосаи автореферат дарбаргирандаи ҳамаи паҳлуҳои бобҳои алоҳидаи кор ва мубрамияти масъала мебошад, ки ба таври возеҳ ва муъҷаз баён гардидаанд. Дар маҷмӯъ кори

таҳқиқотӣ дар самти муайяни илмӣ қарор дошта, забони илмии он фаҳмо буда, ҷавобгӯ ба талабот аст.

Бояд зикр кард, ки ҳадафи ба миён гузошташудаи муаллиф ичро гардида, хулосаҳои муаллиф ба назар мерасанд. Аз ин рӯ, натиҷаҳои илмии ба дастовардашуда, дорои аҳамияти назариявӣ ва илмӣ мебошанд.

Автореферати рисола ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи унвонҳои илмӣ мувофиққат намуда, муаллифи он Нуров Сухроб Рустамович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

**Муқарриз:**
**номзади илмҳои таърих дотсенти**
**кафедраи фанҳои ҷомеашиносии**
**МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон**
**ба номи Абуалӣ ибни Сино”** **З. В. Абдураҳмонзода**
**«19» ____06____соли 2026**

**Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ш.Душанбе, ноҳияи Сино, кучаи А. Сино 128,**
**хонаи 130. тел:93 598 44 97**
**E-mail: zevar-1986@mail.ru**

**Имзои Абдураҳмонзода З.В.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати рушди кадрӣ** **Б. И. Сафарзода**
**«19» ____06____соли 2026**

**Суроғаи муассиса: 734026, ш. Душанбе,**
**кучаи Сино 29-31, тел: (44) 600 39 77**
**E-mail: info@tajmedun.tj**